Суратҷаласаи
маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-063
назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

ш. Душанбе *№21* *аз 31 октябри 2026*

Ҳайати шурои диссертатсионӣ бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 таҳти №488/шд, тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро, дар ҷаласа 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафар доктори илм (1 нафар – иштироки маҷозӣ) аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда мебошанд.

ШУНИДА ШУД: Ҳимояи диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ).

Мавзӯи диссертатсия: «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд».

Диссертатсия дар кафедраи “Иқтисодиёт ва соҳибкорӣ”-и Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: - Асрорзода Убайдулло Саттор, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

- Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич – д.и.и., профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

- Шодиев Кӯҳзод Қурбонбоевич - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

Ба автореферати диссертатсия 4 тақриз ворид гардид, ки ҳамаи онҳо мусбӣ мебошанд.

Ба довталаб 9 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзоёни зерини шуро пешниҳод гардиданд: д.и.и., проф. Иброҳимзода И.Р., д.и.и., проф. Аминов И., д.и.и., дотсент Садриддинов М.И., д.и.и., проф. Фақеров Ҳ.Н., д.и.и., проф. Раҳматзода Р. ва д.и.и., дотсент Сафозода А.К.

Дар муҳокима иштирок намуданд: д.и.и., проф. Маҳмадалӣ Б.Н., д.и.и., проф. Аминов И., д.и.и., проф. Ҷурабоев Ғ. ва д.и.и., проф. Фақеров Ҳ.Н.

Ба ҳайати комиссияи ҳисоб интихоб шуданд: д.и.и., проф. Самандарзода И.Ҳ. (раис), д.и.и., дотсент Ҷумъаев Б.М., д.и.и., дотсент Садриддинов М.И.

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Набизода Маҳфуза Раҳмат дар мавзӯи «Ҳолати муосир ва дурнамои рушди фаъолияти соҳибкории занон дар вилояти Суғд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррарнамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2026, таҳти №591) ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.

3. Ба Набизода Маҳфуза Раҳмат дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Набизода Маҳфуза Раҳматро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 13 нафар (1 нафар – маҷозӣ). Зид – нест. Бетараф - нест.

Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор **Шарофзода Ф.Р.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент **Исмоилов А.А.**